# Тарбияти фарзандон

[ Тоҷики – Tajiki – طاجيكية ]

Абдулқодир Шайх Иброҳим

Тарҷумаи: Нуриннисо Муллозода

Таҳияи: Меҳрубон Ҳимматзода

2011 - 1432

IslamHouse.com

# ﴿ تربية الأولاد ﴾

« باللغة الطاجيكية »


عبد القادر شيخ إبراهيم

ترجمة: نور النساء ملا زادة

إعداد: مهربان همت زادة



2011 - 1432

IslamHouse.com

# Тарбияти фарзандон

## Бисмиллоҳи-р-раҳмони-р-раҳим

### Муқаддима

Китобчаи кӯчаке ки ҳамакнун дар даст доред, гарчи аз ҷиҳати каммият ва теъдоди сафаҳот камҳаҷму кӯчак аст, аммо ба ҳақ, аз ҷиҳати кайфият ва муҳтаво ва баёни мавзӯи мавриди назар, яъне равиши бархӯрд ва тарбияти фарзандон рисолае беназир аст ва бе иғроқ метавон гуфт, ки нависандаи муҳтарам тавониста, мафоҳим ва усули асосӣ ва бунёди тарбияти диниро дар он бисёр зебо ва ширин ҷой диҳад. Ва мутарҷими муҳтарами саркор хонум Нуриннисо Муллозода низ ба далели ошноӣ комил ва амалӣ бо тарбияти фарзандони хеш бар асоси меҳварҳои динӣ ба хубӣ аз ӯҳдаи бозгардондани рисола аз забони арабӣ ба форсӣ баромада аст. Банда пас аз мутолиаи дақиқи китобча ва виростории он, мутолиаи он ва амалӣ намудани, муҳтавоёти онро ба ҳамаи хонаводаҳои мусулмон таъкид менамоем ва аз онҷое ки ҳадафи ҳамаи мо islоҳи ҷомеаи исломист, бояд бидонем, ки бидуни ислоҳи хонавода ва фарзандон, ҳеҷ гоҳ

ҷомеъа ислоҳ намешавад ва танҳо роҳи наҷот тарбият ва ислоҳи фарзандон ва хонавода аст. Бо сипос аз Ҳарамайн, ки саъй дар ҷиҳати чоп ва нашри китобҳои динӣ ва фарҳангӣ ва тарбиятӣ доранд ва дар ин роҳ содиқона талош менамоянд.

Умед аст, ҳамаи мо дар ин масири динӣ ва фарҳангӣ мушаввиқи мутарҷимон ва нависандагони азизи худ бошем.

Форуқ Аҳмади Толиш

## Муқаддимаи мутарҷим

بِسْمِ اللهِ الَّذِي عَلَّمَ بِالْقَلَمِ عَلَّمَ الْاِنْسَانَ مَا لَمْ يَعْلَمْ نَحْمَدُهُ وَنُصَلِّي عَلَي رَسُولِهِ الْكَرِيمِ اَمَّا بَعْدُ.

Бисмиллоҳи-л-лазӣ ъаллама би-л-қалами ъаллама-л-инсона мо лам яълам

Наҳмадуҳу ва нусаллӣ ъало Расулиҳи-л-карим, аммо баъд...

Нақл аст, ки фарзандонатонро бар асоси се хислат тарбият намоед:

Дӯст доштани Паёмбари акрам {саллаллоҳу алайҳи ва саллам}, дӯст доштани аҳли байти ӯ ва тиловати Қуръон Маҷид. (Тарбияту-л-авлод)

Қатъан, фарзандоне ки бар пояҳои фавқ тарбият шаванд, Худованди мутаол ононро ба авҷи иззат ва азамат ноил мегардонад .

Вазифаи падару модар дар қиболи тарбияти фарзанд, бисёр сангин аст, бояд онон аз ҳангоми таваллуд то вақте ки фарзанд ба синни балоғат расида ва рӯйи пой худ меистад мувозиби ӯ буда ва ӯро ба беҳтарин равиши тарбияте ки Расули акрам {саллаллоҳу алайҳи ва саллам} ва бузургони дин баён фармудаанд, таҳти назорат ва контрули худ тарбият кунанд. Худованди мутаол дар ин мавриد мефармояд:

﴿ يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ قُوٓاْ أَنفُسَكُمۡ وَأَهۡلِيكُمۡ نَارٗا ٦ ﴾ التحريم:٦

Тарҷума: «Эй муъминон, худ ва аҳли худро аз оташ (-и дӯзах) ҳифз кунед!» Сураи Таҳрим; 6

Манзур аз наҷот додани хонавода ва фарзандон аз оташи ҷаҳаннам, дур намудани онон аз аъмолест, ки сабаби духули онон ба ҷаҳаннам мешавад. Падар ва модар бо ахлоқ ва рафтори дуруст бояд, улгӯи [намуна, рамз] амалӣ барои фарзанд бошанд. Достони зиндагии Расули акрам {саллаллоҳу алайҳи ва саллам} ва саҳоба ва ғазваҳои он ҳазрат {саллаллоҳу алайҳи ва саллам}-ро барои онон таъриф намоед. Чунон ки саҳоба {разияллоҳу анҳум} мегуфтанд:

Мо достони ғазавоти Расули акрам {саллаллоҳу алайҳи ва саллам}-ро барои фарзандонамон таъриф мекардем.

Падар ва модар ҳар ду дар тарбияти фарзанд нақш доранд, аммо чун дар даврони кӯдакӣ вобастагии фарзанд ба модар бештар аз падар аст, нақши модар дар тарбияти фарзанд, таъсири бештаре дорад. Иқбол ба занони мусулмон тавсия мекунад, ки ба духтари гиромии Расули акрам {саллаллоҳу алайҳи ва саллам} таъасӣ намоянд, то мардоне ҳамчун Ҳусайн дар домани худ тарбият кунанд:

Мазраи таслимро ҳосил Батул (покдоман, порсо. Лақаби Фотимаи Заҳро духтари Паёмбари Худо {саллаллоҳу алайҳи ва саллам}, саййидаи занони биҳишт)

Модаронро усваи комил Батул.

Он адабпарвардаи сабру ризо,

Осиёгардону лаб қуръонсаро.

Фитрати ту ҷазбҳо дорад баланд,

Чашму ҳуш аз усваи Заҳро мабанд.

То Ҳусайне шохи ту бор оварад,

Мавсими пешин ба гулзор оварад.

Бино бар ин, модарон бояд нақш ва таъсири худро боварӣ дошта бошанд ва дар тарбияти фарзандони азизи худ аз ҳеҷ талоше дареғ наварзанд:

Кӯдак ҳар ончи дорад аз оғӯши модар аст،

Гар зишт бошад ва агар некахтар аст.

Хӯе ки аз нахуст касеро ба сар нишаст,

Ӯро ҳамора то ба дами марг бар сар аст.

Дар дафтари муаллиму омӯзгор нест,

Он тарбият, ки зодаи домони модар аст.

Рафтори модар аз пайи сармашқи кӯдакон,

Беҳтар зи ҳар китобу зи ҳаргуна дафтар аст.

Агар таърихро варақ бизанем, мебинем, ки модарони бузург ва накӯкор бо дуо ва таваҷҷуҳоташон тавонистаанд, фарзандони бузургеро ба ҷомеа таҳвил бидиҳанд.

Шавқӣ мегӯяд:

Ятим касе нест, ки падар ва модараш мурда бошанд ва ӯро бепаноҳ ва дармонда барҷой гузошта бошанд, балки ятими воқеӣ касест, ки модаре бетаваҷҷуҳ ва падаре саргарм ва машғул ба кори худ дорад.

Китоби ҳозир тавассути яке аз нависандагон араб ба номи Абдулқодир Шайх Иброҳим дар робита ба

ҳамин мавзӯъ (тарбияти фарзандон) ба нигориш даромада аст. Банда баъд аз мутолиаи он, тасмим гирифтам, онро ба забони форсӣ тарҷума кунам, то бад-ин васила тавониста бошам, хидмате ҳар чанд кӯчак, ба ҷомеъа арза намоям. Тарҷумаи онро ба падар ва модарони огоҳ, ки ба тарбияти фарзандонашон алоқаманд мебошанд, тақдим медорам.

﴿رَبَّنَا هَبْ لَنَا مِنْ أَزْوَٰجِنَا وَذُرِّيَّٰتِنَا قُرَّةَ أَعْيُنٍ وَٱجْعَلْنَا لِلْمُتَّقِينَ إِمَامًا ٧٤﴾

الفرقان: ٧٤

«Парвардигоро, аз занони мо ва фарзандони мо ба мо рӯшании чашмон бибахш ва моро барои парҳезгорон пешрав бигардон» Сураи Фурқон; 74

Уммуазизурраҳмон Нуриннисо Муллозода

Зимистони 1381ҳ.

Бисмиллоҳи-р-раҳмони-р-раҳим

Ҳуқуқи фарзанд бар падар қабл аз таваллуд оғоз мешавад. Ин ҳақ, таваҷҷуҳ барои интихоби модари хуб ва риоят намудани авомили виросат аз як тараф ва фароҳам намудани муҳити солим барои сарпарастии фарзандон аз ҷониби дигар мебошад.

Худованди мутаол дар Қуръони маҷид ба сароҳат ба ин масъала ишора фармуда аст:

﴿ ٱلۡخَبِيثَٰتُ لِلۡخَبِيثِينَ وَٱلۡخَبِيثُونَ لِلۡخَبِيثَٰتِۖ وَٱلطَّيِّبَٰتُ لِلطَّيِّبِينَ وَٱلطَّيِّبُونَ لِلطَّيِّبَٰتِۚ أُوْلَٰٓئِكَ مُبَرَّءُونَ مِمَّا يَقُولُونَۖ لَهُم مَّغۡفِرَةٞ وَرِزۡقٞ كَرِيمٞ ﴿٢٦﴾ ﴾ النور: ٢٦

Тарҷума: «Занони нопок аз они мардони нопокand ва мардон нопок аз они занони нопоканд ва занони пок мутаалиқ ба мардони поканд ва мардони пок мутаалиқ ба занони поканд. Онон аз нисбатҳои норавое ки ба онон дода мешавад мубарро ва муназзаҳанд. (Ба ҳамин далел) эшон аз мағфирати илоҳӣ бархурдоранд ва дорои рӯзии арзишманде мебошанд (ки биҳишти ҷовидон ва неъматҳои ғайри қобили тасаввури он аст)». Сураи Нур;26

Ибни Касир аз Абдурраҳмон ибни Зайд ибни Аслам ривоят мекунад, ки ӯ мегӯяд: «Занони хабис ва нопок мутаалиқ ба мардони нопок ва мардони хабис ва нопок аз они занони нопок ва занони пок шоистаи мардони пок ва мардони пок аз он занони пок мебошанд».

Ояи муборака ба ин мавзӯъ ишора менамояд, ки вижагии марди поки муваффақ бо зани пок ва вижагии зани поки муваффақ бо марди пок аст.

Баъзе аз муфассирон аз ин оя барои бароат ва покии сайида Оиша {разияллоҳу анҳо} қабл аз ин ки бароати ӯ дар Қуръон нозил шавад, истидлол кардаанд.

Ибни Касир мегӯяд: Худованд Оиша {разияллоҳу анҳо}-ро барои ҳамсари Паёмбар {саллаллоҳу алайҳи ва саллам} ба ин далел интихоб кард, ки вай пок буд ва аз ҳар инсони поке поктар буд ва агар наъузу биллоҳ, эшон нопок мебуд, ҳам ба лиҳози шаръӣ ва ҳам ба лиҳози рутба ва арзиш барои ҳамсарии Паёмбари Худо {саллаллоҳу алайҳи ва саллам} салоҳият намедоштанд. Аммо чунин набуд,

балки дур аз ҳар шоибаи палиде, дар айни покӣ ва назоҳат қарор дошт. Чунонки, Худованди азза ва ҷалла мефармояд:

﴿أُوْلَٰٓئِكَ مُبَرَّءُونَ مِمَّا يَقُولُونَ ٢٦﴾ النور: ٢٦

Яъне «Онон аз ончи аҳли ифк ва душманониИслом мегӯянд, ба дур ва пок мебошанд».

﴿لَهُم مَّغْفِرَةٌ وَرِزْقٌ كَرِيمٌ ٢٦﴾ النور: ٢٦

Яъне ба сабаби дурӯғҳо ва тухматҳои норавое ки дар ҳақи онон гуфта шуда, мавриди мағфирати Худованд қарор гирифтанд, яъне барои онон дар боғҳои пурнеъмати биҳишт аз ҷониби Худованд ризқи покиза ва хуб вуҷуд дорад. Ва дар ин оят Худованди Муттаол ба Оиша {разиаллоҳу анҳо} ваъда дода аст, ки дар биҳишт низ ҳамсари Расули Худо {саллаллоҳу алайҳи ва саллам} хоҳад буд.

Дар ривоят омада аст, ки дар замони ҷоҳилият, яке аз асҳоб бо зани бадкор хешовандӣ дошт ва ҳангоме ки мусалмон шуд, тасмим гирифт, бо вай издивоҷ кунад. Лизо, аз Расули Худо {саллаллоҳу алайҳи ва

саллам} дар ин маврид машварат хост. Худованди мутаол дар ҷавоби дархости ӯ ояи зайлро нозил фармуд:

﴿ ٱلۡخَبِيثَٰتُ لِلۡخَبِيثِينَ وَٱلۡخَبِيثُونَ لِلۡخَبِيثَٰتِۖ وَٱلطَّيِّبَٰتُ لِلطَّيِّبِينَ وَٱلطَّيِّبُونَ لِلطَّيِّبَٰتِۚ أُوْلَٰٓئِكَ مُبَرَّءُونَ مِمَّا يَقُولُونَۖ لَهُم مَّغۡفِرَةٞ وَرِزۡقٞ كَرِيمٞ ٢٦ ﴾ النور: ٢٦

Дар аҳодис ва суннати набавии шариф низ барои интихоб намудани ҳамсари солеҳ ва нек барои издивоҷ амр шуда аст, чунонки Расули акрам {саллаллоҳу алайҳи ва саллам} мефармояд:

«تُنْكَحُ الْمَرْأَةُ لأَرْبَعٍ لِمَالِهَا وَلِحَسَبِهَا وَجَمَالِهَا وَلِدِينِهَا، فَاظْفَرْ بِذَاتِ الدِّينِ تَرِبَتْ يَدَاكَ..»

Тарҷума: «Зан ба хотири чаҳор чиз никоҳ карда мешавад: Ба хотири молаш, насабаш, ҷамолу зебоияш ва динаш, фақат диндорро интихоб кун, дастҳоят пурравнақ мешавад». Бухорӣ; 5091 ва Муслим; 2661

Бале! Мебинем, ки Расули Худо {саллаллоҳу алайҳи ва саллам} дар ҳадиси мазкур мардонро ба издивоҷ бо ҳамсари диндор ташвиқ менамояд.

Агар ҳамаи мардон ба ин дастури Расули гиромӣ амал намоянд, бидуни шак ба ҳадаф ва мақсади волои издивоҷ ки ҳамоно иффат ва покдоманӣ ва ташкили хонаводаи муъмин ва хуб аст, ноил хоҳанд омад.

Ҳикмат ва фалсафаи ин дастури Расули акрам {саллаллоҳу алайҳи ва саллам} ин аст, ки зан дар зиндагӣ, шарик ва мӯниси мард мебошад. Агар зан диндор бошад, фарзандони солеҳе ба дунё оварда ва тарбияти саҳеҳи исломӣ менамояд. Ва агар дин надошта бошад, фарзандони носолеҳ ва ба дур аз ахлоқи исломӣ ба дунё хоҳад оварда, чун ахлоқи хуби падар ва модар дар фарзанд асар мегузорад ва рафторҳо ба якдигар сироят мекунад.

Домани модар маҳалли рушд ва нумӯи фарзанд мебошад. Зеро фарзанд дар ҳар коре аз модар таъассӣ меҷӯяд ва ӯро улгӯйи зиндагии худ медонад. Ба ҳамин иллат, Расули Худо {саллаллоҳу алайҳи ва саллам} дар ҳадиси дигар мефармояд:

«تَخَيَّرُوا لِنُطَفِكُمْ وَانْكِحُوا الْأَكْفَاءَ وَأَنْكِحُوا إِلَيْهِمْ»

Тарҷума: «Барои нутфаҳои худ занони покиза ва диндорро интихоб кунед ва занони дархур ва шоистаи худро никоҳ кунед ва ба афроди шоиста зан бидиҳед» Ривояти Ибни Моҷа ва Албонӣ онро саҳеҳ дониста аст.

Ва дар ҳадиси дигар мефармоянд:

«تَزَوَّجُوْا فِي الْحُجْزِ الصَّالِحِ، فَإِنَّ الْعِرْقَ دَسَّاسٌ».

Тарҷума: «Усули (занони) покдоманро издивоҷ кунед, чун раг гироянда аст. Ривояти Дайламӣ дар муснади Фирдавс ва Албонӣ онро (сохтагӣ) дониста аст».

Алҳуҷз [Ҳуҷз حُجْزٌ ва ё ҳиҷз حِجْزٌ ҳар ду ба маънои асл ва рустангоҳ (макони рӯидан) меоянд.] асл ва маҳалли рушд ва солеҳ, киноя аз иффат мебошад.

Маънои ҳадис ин аст, ки агар мард бо зани солеҳа издивоҷ кунад, фарзанде ба дунё меорад, ки бо хонаводаи ҳамсар дар амал ва ахлоқ ва ғайра мушобиҳат хоҳад дошт.

Оре! Бародари мусалмонам, нигоҳ кун, ки Ислом то чӣ андоза ба фарзандон таваҷҷӯҳ дорад?: Аз ибтидои пайдоиш ва чигунагии пайдоиш. Ин таваҷҷуҳи волои Ислом, бо интихоби дурусти ҳамсари солеҳ ва шоиста барои ташкили хонаводаи мусалмон ва ба дунё оварадани фарзандони солеҳ ва некӯкор таҳаққуқ меёбад.

Баъд аз издивоҷ, марҳалаи таваллуди фарзандон мерасад. Дар ин замон аст, ки робита миёни зан ва шавҳар ва асоси хонаводаи мустаҳкам мешавад. Дар ин ҳангом, фазои хонавода иваз ва марҳалаи тарбият ва таваҷҷуҳ ба фарзандон оғоз мегардад ва эҳсосоти ҷадиде дар хонавода эҷод мешавад, ки падар ва модарро водор ба фароҳам намудани муҳите солим барои тарбияти фарзандонаш мекунад. Дар ин рисола, ҳуқуқи фарзадон бар волидайн ва вазифаи волидайн дар бораи фарзандонро баён хоҳем кард.

# 1. ВАЗИФАИ МОДАР ДАР БАРОБАРИ ТИФЛИ ХУД: ШИР ДОДАН БА КӮДАКИ ХЕШ

Худованди мутаол ба модар амр фармуда аст, ки фарзандашро дусоли комил шир бидиҳад. Қуръони Маҷид бар ин амр таъкид мекунад, чунон ки мефармояд:

﴿ وَٱلۡوَٰلِدَٰتُ يُرۡضِعۡنَ أَوۡلَٰدَهُنَّ حَوۡلَيۡنِ كَامِلَيۡنِۖ لِمَنۡ أَرَادَ أَن يُتِمَّ ٱلرَّضَاعَةَ ﴿٢٣٣﴾ ﴾البقرة: ٢٣٣

Тарҷума: Модарон (аъам аз муталлақа ва ғайри муталлақа) ду соли тамом фарзандони худро шир медиҳанд, ҳар гоҳ яке аз волидайн, ё ҳар дуи эшон хостори такмили даврони ширхорагӣ шавад.

Илми ҷадид фоидаи ду соли ширдиҳии модар ба кӯдак аз пистони худашро собит карда аст, ки шири модар муносибтарин ва беҳтарин ғизо барои кӯдак мебошад. Зеро шири модар, мутобиқи обу ҳаво ва фаслҳо тағйир мекунад. Дар зимистон гарм ва дар тобистон сард аст, то бо мизоҷи тифл созгорӣ дошта бошад ва нӯшидании гуворо барои ӯ дар ҳар фасле бошад.

Ҳамчунин, аз назари ҷисмӣ ва рӯҳӣ, кӯдаки солим ва хуб кӯдакест, ки ба муддати ду соли комил аз модараш шир бинӯшад, зеро чунин баччае дар ин муддати ду сол, авотиф ва эҳсосоти меҳрубонӣ, нармдилӣ, лутфи модарӣ ва ниҳоят, раҳматро аз модар мегирад ва ба ирс мебарад. Вақте Аллоҳ азза ва ҷалла мефармояд:

﴿ وَٱلۡوَٰلِدَٰتُ يُرۡضِعۡنَ أَوۡلَٰدَهُنَّ حَوۡلَيۡنِ كَامِلَيۡنِ ﴿٢٣٣﴾ ﴾ البقرة: ٢٣٣

Мехоҳад, собит кунад, ки шир додани модар ба бачча дар муддати ду сол, ҳеҷ беморӣ ва зараре мутаваҷҷеҳи модар намесозад.

Он касоне, ки шир доданро зарурӣ барои модарон медонанд ва алайҳи он таблиғот менамоянд, заифулимон ва шайтон ҳастанд, ки ин таблиғоти беасосро ба роҳ андохтаанд. Бояд донист, ки онон ҳеҷ гуна ҳамхоние бо шаръи муқаддаси Ислом надоранд. Худованд зотест, ки афроди фосидро аз муслиҳ мешиносад, чунонки мефармояд:

﴿ أَلَا يَعۡلَمُ مَنۡ خَلَقَ وَهُوَ ٱللَّطِيفُ ٱلۡخَبِيرُ ﴿١٤﴾ ﴾ الملك: ١٤

Тарҷума: Оё он касе ки (ҳама офаридагонро) офарида аст, намедонад, ҳол он ки ӯ борикбини огоҳ аст. Мулк; 14

Дар илми тиб собит шуда аст, зане ки ба кӯдакаш шир намедиҳад, дар маърази ибтило ба бемориҳои пистон қарор дорад ... пас, ба яқин Худованди офаридгор, доно ва пок ва бартар аст.

## 2. ВАЗИФАИ ПАДАР ДАР ҚИБОЛИ ФАРЗАНД НАФАҚА ДОДАН БА ӮСТ

Бояд донист, ки дар Ислом масъулияти инфоқ ва таъмини ҳазинаҳои фарзандон ба дӯши падар аст, чунонки Қуръони маҷид бар ин амр таъкид менамояд ва мефармояд:

﴿...وَعَلَى ٱلْمَوْلُودِ لَهُۥ رِزْقُهُنَّ وَكِسْوَتُهُنَّ بِٱلْمَعْرُوفِ ...٢٣٣﴾ البقرة: ٢٣٣

Тарҷума: «... Бар ҳар фарде ки барояш навзод ба дунё омад, ризқ ва пӯшоки онон бар асоси урфи марсум воҷиб аст....» Бақара; 233.

Расули акрам {саллаллоҳу алайҳи ва саллам} аҷри инфоқ бар фарзандонро баён фармуда аст. Гарчи ҳадис ба сароҳат аз хонавода сухан гуфта, аммо ба таври зимнӣ, фарзандонро низ дар бар мегирад .

Аз Абуҳурайра разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки Расули акрам {саллаллоҳу алайҳи ва саллам}фармуд :

«دِينَارٌ أَنْفَقْتَهُ فِي سَبِيلِ اللَّهِ وَدِينَارٌ أَنْفَقْتَهُ فِي رَقَبَةٍ وَدِينَارٌ تَصَدَّقْتَ بِهِ عَلَى مِسْكِينٍ وَدِينَارٌ أَنْفَقْتَهُ عَلَى أَهْلِكَ أَعْظَمُهَا أَجْرًا الَّذِي أَنْفَقْتَهُ عَلَى أَهْلِكَ» (صحيح مسلم ١٦٦١)

«Диноре ки онро дар роҳи Худо харҷ кардӣ ва диноре ки онро барои озодии гардане инфоқ намудӣ ва диноре ки онро ба мискин садақа додӣ ва диноре ки онро барои хонаводаат харҷ кардӣ. Аз миёни ҳамаи ин динорҳо, бузургтарин аҷрро диноре дорад, ки бар хонаводаат харҷ намудаӣ» Саҳеҳи Муслим; 1661.

Ва дар ривояте омада аст, ки Расули акрам {саллаллоҳу алайҳи ва саллам} фармуд:

«أَفْضَلُ دِينَارٍ يُنْفِقُهُ الرَّجُلُ دِينَارٌ يُنْفِقُهُ عَلَى عِيَالِهِ وَدِينَارٌ يُنْفِقُهُ الرَّجُلُ عَلَى دَابَّتِهِ فِي سَبِيلِ اللَّهِ وَدِينَارٌ يُنْفِقُهُ عَلَى أَصْحَابِهِ فِي سَبِيلِ اللَّهِ» (مسلم ١٦٦٠، أبوداود ١٤٤٢، أحمد ٦٥٢٧، ٦٥٣٤، ٦٥٤٧،و حسنه الألباني)

«Боарзиштарин диноре ки шахс онро инфоқ менамояд, динорест, ки бар хонаводааш ва савориаш дар ҷиҳод ва бар ёронаш дар роҳи Худо (ҷиҳод) инфоқ мекунад». Саҳеҳи Муслим; 1660, Ривояти Абудовуд; 1442 ва Аҳмад; 6527, 6534, 6547 ва нигаред, Саҳеҳи Муслим; 1662. Ва Албонӣ онро ҳасан дониста аст.

Падар ба хотири инфоқ бар фарзандаш, мустаҳиққи подош ва савоб назди Худованди мутаъол мешавад. Ҳамчунин, агар бар фарзандони муҳтоҷ ва заифу ноболиғи худ, инфоқ накунад, гуноҳгор мегардад. Расули акрам {саллаллоҳу алайҳи ва саллам} дар ҳадисе мефармояд:

«كَفَى بِالْمَرْءِ إِثْمًا أَنْ يُضَيِّعَ مَنْ يَقُوتُ». ( ابن ماجه ١٦٩٢، أحمد ٦٤٥٩)

«Барои гуноҳгор будани шахс ҳамин андоза кифоя аст, ки шахсеро ки таҳти сарпарастии ӯст ва бо ӯ

ғизо мехӯрад, аз байн бибарад». Ибни Моҷа; 1692 ва Аҳмад; 6459.

## 3. ТАЪЛИМ ВА ТАРБИЯТИ ФАРЗАНДОН, ВАЗИФАИ ДИГАРИ ПАДАР АСТ

Таълим ва тарбияти фарзандон ва водор кардани онон ба корҳои нек ва дуруст ва боздоштани онҳо аз корҳои зишт, вазифаи сангини падар мебошад, зеро ин масъала ба дунё ва охирати онон ва саодат ва шақовати онон иртибот дорад. Худованди мутаъол мефармояд:

﴿ يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ قُوٓاْ أَنفُسَكُمۡ وَأَهۡلِيكُمۡ نَارٗا وَقُودُهَا ٱلنَّاسُ وَٱلۡحِجَارَةُ ... ٦ ﴾ التحريم: ٦

Тарҷума: «Эй касоне, ки имон овардаед, худатон ва хонаводаҳоятонро аз оташе ки сӯхти он мардум ва сангҳост, дур нигаҳ доред...» Таҳрим; 6

Ояи фавқ ҳушдоре боздоранда аз оташи ҷаҳаннам аст. Кадомин оташ? Оташе ки сӯхти он мардум ва санг аст ва масъулони он фариштагоне қавӣ ва

сарсахт ҳастанд, ки ҳеҷ гоҳ аз дастури Худованд сарпечӣ накарда ва ончи ба он дастур дода мешаванд, анҷом медиҳанд .

Касе ки ба нидои малакутии Қуръони азимушшаън гӯш фаро надиҳад, ба яқин худро дар хасорат ва нуқсони абадӣ андохта аст. Худованди мутаол мефармояд:

﴿قُلْ إِنَّ ٱلْخَٰسِرِينَ ٱلَّذِينَ خَسِرُوٓا۟ أَنفُسَهُمْ وَأَهْلِيهِمْ يَوْمَ ٱلْقِيَٰمَةِ ۗ أَلَا ذَٰلِكَ هُوَ ٱلْخُسْرَانُ ٱلْمُبِينُ ﴿١٥﴾﴾

الزمر: ١٥

Тарҷума: «Бигӯ: Зиёнкорони воқеӣ касоне ҳастанд, ки (умр ва ҷони) худро (ба сабаби гумроҳӣ ва ҳатто умру ҷони аҳл ва иёл) ва вобастагони худро (бо гумроҳсозӣ) дар рӯзи қиёмат (ҳадар диҳанд ва) зиёнбор кунанд. Ҳон! Зиёни ошкор, воқеан, ҳамин аст». Зумар; 15.

Аммо инсон бо кадомин васила, худ ва хонаводаашро аз ин оташ ва он хасорат ва зиёни ҳамешагӣ наҷот бидиҳад.

Қатъан, инсон худро бо илм ва амал метавонад, аз ин оташ ва зиёни абадӣ наҷот диҳад, зеро рафтор ва кирдори дуруст аз илми муфид ва эътиқоди солим сарчашма мегирад .

Агар илми муфид ва дурусте вуҷуд дошта бошад, аз куҷо ва чӣ тавр инсон метавонад аз рафтори дурусти исломӣ ва саҳеҳ бархурдор шавад.

Бад-ин сабаб, бар ҳар падари мусулмон лозим аст, ки фарзанди худро аз ибтидои кудакӣ, илми дин биёмузад, илме ки роҳ ва равиши зиндагӣ ва саодати дунё ва охиратро барои онон бима карда ва таъмин намояд. Чуноне ки Аллоҳ ҷалла ҷалолуҳу дар Қуръони маҷид ба Паёмбари маҳбубаш дастур медиҳад, ки хонаводаашро ба намоз водор намояд:

﴿ وَأۡمُرۡ أَهۡلَكَ بِٱلصَّلَوٰةِ وَٱصۡطَبِرۡ عَلَيۡهَا ١٣٢ ﴾ طه: ١٣٢

Тарҷума: «Хонаводаатро ба намоз дастур бидеҳ ва худ низ бар он пойбанд бош» Тоҳо; 132

Ин Луқмон аст, ки фарзандашро ба намоз, ва ба кори нек дастур дода ва аз мункарот бозмедорад.

Чуноне ки Аллоҳи таоло аз қавли *Луқмон* двр Қуръони маҷид мефармояд

﴿ يَٰبُنَيَّ أَقِمِ ٱلصَّلَوٰةَ وَأۡمُرۡ بِٱلۡمَعۡرُوفِ وَٱنۡهَ عَنِ ٱلۡمُنكَرِ وَٱصۡبِرۡ عَلَىٰ مَآ أَصَابَكَۖ إِنَّ ذَٰلِكَ مِنۡ عَزۡمِ ٱلۡأُمُورِ ١٧ ﴾ لقمان: ١٧

Тарҷума: «Ай писари азизам! Намозро чунонки шоиста аст, бихон ва ба кори нек дастур бидеҳ ва аз кори бад наҳй кун ва дар баробари масоибе ки ба ту мерасад, шикебо бош! Инҳо аз корҳои (асосӣ ва муҳимме) аст, ки бояд бар он азмро ҷазм кард ва субот варзид». *Луқмон*; 17

Расули акрам {саллаллоҳу алайҳи ва саллам} мефармояд:

«مُرُوا أَوْلاَدَكُمْ بِالصَّلاَةِ وَهُمْ أَبْنَاءُ سَبْعِ سِنِينَ وَاضْرِبُوهُمْ عَلَيْهَا وَهُمْ أَبْنَاءُ عَشْرٍوَفَرِّقُوا بَيْنَهُمْ فِي الْمَضَاجِعِ». ( أبو داود ٤١٨، أحمد ٦٤٠٢، ٦٤٦٧، و صححه الألباني)

Тарҷума: «Дар ҳафтсолагӣ, фарзандонатонро ба намоз амр намоед ва дар даҳсолагӣ ононро ба хотири тарки намоз, кутак бизанед ва рахти

хобҳояшонро аз якдигар ҷудо кунед!» Ривояти Абудовуд; 418 ва Аҳмад; 6402 ва 6467 ва Албонӣ онро саҳеҳ дониста аст.

Ҳикмати кутак задани фарзандон ба хотири тарки намоз ин аст, ки онон ба намоз хондан одат намоянд ва то замони балоғат ба он унс бигиранд. Ва ҳикмати ҷудо намудани рахтихоби фарзандон аз якдигар ба ин далел аст, ки аз васовиси шайтон ва ҳазари шаҳватпарастӣ дар амон бошанд, зеро дар ин марҳала аз умр, бими он меравад, ки ба фасоду фаҳшо кашида шаванд, чаро ки синни навҷавонӣ, синни хатарнокест. Ба ҳамин хотир, Расули Худо {саллаллоҳу алайҳи ва саллам} ба ҷудо намудани рахтихоби бачаҳо дар ин син ва омӯхтани одоб ва итоати дастуроти илоҳӣ ва ҳифозати аҳкоми ӯ амр фармуданд.

## 4. ВАЗИФАИ ПАДАР ВА МОДАР ДАР ҚИБОЛИ ФАРЗАНДОН

Падару модар бояд адолатро дар ҳамаи маворид: тарбият, нафақа, муҳаббат ва дилсӯзӣ дар бораи

фарзандонашон риоят намоянд, то дар дили фарзандон ба иллати беадолатӣ ниҳоли кина ва ҳасодат ва душманӣ кошта нашавад, зеро душмании бародарони Юсуф бо Юсуф ба ҳамин хотир буд, ки мутаваҷҷеҳ шуданд, падарашон Яъқуб Юсуфро бештар аз онон дуст дорад. Лизо бо ӯ душман шуданд ва нисбат ба ӯ ҳасад варзиданд ва тарҳи қатли ӯро пиёда карданд. Чунонки Аллоҳи зулҷалол мефармояд:

﴿ إِذۡ قَالُواْ لَيُوسُفُ وَأَخُوهُ أَحَبُّ إِلَىٰٓ أَبِينَا مِنَّا وَنَحۡنُ عُصۡبَةٌ إِنَّ أَبَانَا لَفِي ضَلَٰلٖ مُّبِينٍ ٨ ٱقۡتُلُواْ يُوسُفَ أَوِ ٱطۡرَحُوهُ أَرۡضٗا يَخۡلُ لَكُمۡ وَجۡهُ أَبِيكُمۡ وَتَكُونُواْ مِنۢ بَعۡدِهِۦ قَوۡمٗا صَٰلِحِينَ ٩ ﴾

يوسف: ٨ - ٩

Тарҷума: «Ҳангоме ки (бародарони падарии Юсуф) гуфтанд: Юсуф ва бародараш (Бенёмин ки аз як модаранд) назди падарамон аз мо маҳбубтаранд, дар ҳоле ки мо гурӯҳи нирӯманде ҳастем (ва аз он ду, бар падар судмандтар мебошем). Мусалламан, падарамон дар иштибоҳи рӯшанест. Юсуфро бикушед, ё ӯро ба сарзамине (дурдаст) биафканед, то таваҷҷуҳи падаратон фақат ба шумо бошад (ва танҳо ва танҳо шуморо дӯст дошта бошад ва ба

шумо меҳр варзад) ва баъд аз он, (аз гуноҳи худ пушаймон шавед ва тавба мекунед ва) афроди солеҳе хоҳед гашт (чаро ки Худо тавбапазир аст ва падар ҳам узратонро қабул менамояд)». Юсуф; 8- 9.

Ончи то инҷо баён гардид, ҳуқуқе буданд, ки дар синни кӯдакии фарзанд бар ӯҳдаи падар ҳастанд. Аммо ҳангоме ки фарзанд бузург ва ҷавон мешавад, дар он вақт бар падар лозим аст, ки дар атоё ва бахшишҳо миёни онон адолатро риоят намояд, то падар боиси душманӣ ва кина миёни фарзандон нашавад. Чӣ басо иттифоқ меуфтад, ки ба ҷиҳати адами адолати падар, фарзандон бо падар ва бародарон душман хоҳанд шуд .

Зеро дар ин аср, бисёре аз падарон баъзе аз фарзандонро бар баъзе дигар бо додани мол, ё замин, ё чизҳои дигар, фақат ба хотири асабонӣ шудан бар яке аз фарзандон, ё кутоҳии яке аз фарзандон дар ҳаққи падар, тарҷеҳ медиҳанд. Бадеҳист, ки ин рафтори падар, ҷанҷоли бузурге барпо мекунад ва гоҳе шуда, ки ҳамин фарзанди маҳрум, ба як ҳайвони ваҳшӣ ва дарранда табдил шуда ва падар ва бародаронашро таҳдид ба қатл

мекунад, гарчи таҳдиди худро амалӣ накунад ва бародарашро ки бар ӯ тарҷеҳ додаанд ва дар ҳаққаш имтиёзи бештаре қоил шудаанд, душмани худ медонад ва дар тӯли зиндагӣ, монанди душман бо ӯ рафтор хоҳад кард ва робитаи ухувват байни онон қатъ хоҳад шуд.

Доктор Саъд Ҷовиш дар яке аз гуфтугӯҳояш ки ман низ дар он ҷаласа ҳузур доштам, гуфт: «Шунидам, ки дар ҳамин рӯзҳо, модаре яке аз писаронашро ба додани амволаш бар фарзанди дигараш тарҷеҳ дода аст. Фарзанди маҳруме ки пеш аз ин, мутеъи модараш буд, вақте мутаваҷҷеҳи ин масъала мешавад, бо табаре ба модар ҳамла мекунад ва ӯро ба қатл мерасонад».

Қатъан, иллати ин ҳодисаи асафнок риоят накардани адолат аз ҷониби модар дар ҳаққи фарзандон мебошад. Он ҳам бидуни ҳеҷ далел ва тавҷеҳе аз ҷониби модар!!! Мутаасифона, амсоли ин гуна ҳаводис дар дунё бисёр иттифоқ меуфтад. Агар инсонҳо ба шаръи муқаддаси Ислом ва дастуроти Раббулъоламин пойбанд буданд, ҳаргиз ба ин сияҳрӯзӣ дучор намешуданд.

Оре, Худованд муфсидро аз муслеҳ мешиносад ва дастуроти вай садди маҳкаме аз вуқӯи шар байни хешовандон мебошанд.

## 5. ВАЗИФАИ ВОЛИДАЙН ДАР НОМГУЗОРИИ ФАРЗАНДОН

Бояд волидайн барои фарзандонашон исмҳои муносиб ва хуберо интихоб намоянд. Исмҳои зишт ва бемаъниро ки аз ҷониби дӯстон дар мадраса, ё ғайри мадраса мавриди тамасхур қарор бигиранд, интихоб накунанд. Дар ғайри ин сурат, онон эҳсоси ҳақорат мекунанд ва аз назари фикрӣ ва руҳӣ заиф хоҳандшуд.

## 6. ТАЪМИНИ ҲАЁТИ ФАРЗАНДОН ВАЗИФАИ ДИГАРИ ПАДАР АСТ

Вазифаи падар аст, ки аз зиндагӣ ва саломатии фарзанд муҳофизат намояд ва ӯро ба қатл нарасонад. Зеро аъроби даврони ҷоҳилият бар

асари ҷаҳолаташон духтарони худро ба хотири тарс аз фақр кушта ва зинда ба гӯр мекарданд, аз фарти ҷаҳолат, аз ин муҳим ғофил буданд, ки:

﴿ إِنَّ ٱللَّهَ هُوَ ٱلرَّزَّاقُ ذُو ٱلْقُوَّةِ ٱلْمَتِينُ ﴿٥٨﴾ ﴾ الذاريات: ٥٨

Яъне: «Худованд рӯзирасон ва соҳибқудрати бартар мебошад». Зориёт; 58

Ва онон нестанд, ки фарзандони худро рӯзӣ медиҳанд, балки Худованд розиқ аст. Худованди мутаъол дар каломи покаш, оёти мутаъадидеро бар мазаммати ин кори норавои онон ки ношӣ аз ҷаҳл ва қасовати қалбии онон буд, нозил фармуда аст:

﴿ قَدْ خَسِرَ ٱلَّذِينَ قَتَلُوٓاْ أَوْلَٰدَهُمْ سَفَهًۢا بِغَيْرِ عِلْمٍ ﴿١٤٠﴾ ﴾ الأنعام: ١٤٠

Тарҷума: «Мусалламан, зиён мебинанд касоне ки фарзандони худро аз рӯи сафоҳат ва нодонӣ мекушанд». Анъом; 140.

Ва дар ояи дигар мефармояд:

﴿ قُلْ تَعَالَوْاْ أَتْلُ مَا حَرَّمَ رَبُّكُمْ عَلَيْكُمْ ۖ أَلَّا تُشْرِكُواْ بِهِۦ شَيْـًٔا ۖ وَبِٱلْوَٰلِدَيْنِ إِحْسَٰنًا ۖ وَلَا تَقْتُلُوٓاْ أَوْلَٰدَكُم مِّنْ إِمْلَٰقٍ ۖ نَّحْنُ نَرْزُقُكُمْ وَإِيَّاهُمْ ﴿١٥١﴾ ﴾ الأنعام: ١٥١

Тарҷума: «Бигӯ, биёед, чизҳоеро бароятон баён мекунам, ки Парвардигоратон бар шумо ҳаром намуда аст: Ин ки чизеро шарики Худо қарор мадиҳед ва ба падару модар некӣ кунед ва фарзандонатонро аз тарси фақр ва гуруснагӣ, (-и алъон, ё оянда) мекушед, (чаро ки) мо ба шумо ва эшон рӯзӣ медиҳем (ва рӯзирасони ҳама моем, на шумо)». [Анъом; 151.

Ва дар ояи дигар мефармояд:

﴿ وَلَا تَقۡتُلُوٓاْ أَوۡلَٰدَكُمۡ خَشۡيَةَ إِمۡلَٰقٖۖ نَّحۡنُ نَرۡزُقُهُمۡ وَإِيَّاكُمۡۚ إِنَّ قَتۡلَهُمۡ كَانَ خِطۡـٔٗا كَبِيرٗا ٣١ ﴾

الإسراء: ٣١

Тарҷума: «Ва (аз ончи ки рӯзӣ дар дасти Худо аст) фарзандонатонро аз тарси фақр ва тангдастӣ макушед! Мо онон ва шуморо рӯзӣ медиҳем (ва зомини ризқи ҳамагонем), бегумон, куштани эшон гуноҳи бузургест». Исро; 31.

Аъроби даврони ҷоҳилият фарзандони бегуноҳро ба хотири тарс аз фақр мекуштанд. Худованди азза ва ҷалла ононро аз ин амали зишт боздошт ва ба

онон гӯшзад фармуд, ки рӯзӣ дар дасти Худованди раззоқ мебошад .

Ба ҷиҳати таъкид ва итминони онон Худованди Қудус рӯзии сағир ва кӯчакро қабл аз бузургтарҳо зикр фармуд:

﴿ نَّحْنُ نَرْزُقُكُمْ وَإِيَّاهُمْ ﴿١٥١﴾ ﴾ الأنعام: ١٥١

Абдуллоҳ ибни Масъуд мегӯяд: Гуфтам: Эй Расули Худо! Кадом гуноҳ бузургтар аст? Фармуд :

«أَنْ تَجْعَلَ للهِ نِدًّا وَهُوَ خَلَقَكَ، قُلْتُ: ثُمَّ أَيٌّ؟ قَالَ: ثُمَّ أَنْ تَقْتُلَ وَلَدَكَ خَشْيَةَ أَنْ يَطْعَمَ مَعَكَ، قُلْتُ: ثُمَّ أَيٌّ؟ قَالَ أَنْ تُزَانِيَ بِحَلِيلَةِ جَارِكَ». (البخاري ٤٧٦١، ٧٥٢٠، ٦٨٦١، مسلم ١٢٤، ١٢٥)

«Яъне ин ки бо Худованде ки туро офарида, шарике қарор бидиҳӣ. Гуфтам: Баъд кадом? Фармуд: Ин ки фарзандатро аз тарси ин ки бо ту ғизо бихӯрад, бикушӣ. Гуфтам: Баъд кадом? Фармуд: Ин ки бо ҳамсари ҳамсояат зино кунӣ». Бухорӣ; 4761, 7520, 6861 ва Муслим; 124, 125.

Бадеҳист, ки ҳадиси мазкур, далели ин нукта низ мешавад, ки сақти амдии ҷанине ки чаҳор моҳи ӯ комил шуда аст, қатл маҳсуб мегардад, чун рӯҳ дар ӯ дамида шуда аст. Ба ҳамин хотир, бояд ба шиддат аз он парҳез намуд.

## 7. ВАЗИФАИ ПАДАР ҲАД ВА МАРЗЕ ДОРАД, КИ АЗ ОН НАБОЯД ГУЗАШТ

Аллоҳ таъоло падаронро аз зиёдаравӣ ва ифрот дар муҳаббати фарзандон ки боиси ғафлати онон аз ҳуқуқи Аллоҳ шавад, манъ карда ва барҳазар дошта аст. Худованди азза ва ҷалла бо таври ошкор ва бепарда баён фармуда аст, ки зиёдаравӣ ва ифрот дар муҳаббати фарзандон мунҷар ба оқибати нохушоянде мешавад ва гӯё ки бо фарзандонаш душманӣ мекунад ва фарзандон душмани ӯ ҳастанд. Агарчи қасди фарзандон душманӣ ва зарар расондан ба падар нест, аммо вақте муҳаббати фарзандон ба ҷое бирасад, ки фарзандон вазифаи динии худро фаромӯш кунанд, ба

манзалаи душмани ӯ мешаванд. Худованди мутаъол мефармояд:

﴿ يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُوٓاْ إِنَّ مِنۡ أَزۡوَٰجِكُمۡ وَأَوۡلَٰدِكُمۡ عَدُوّٗا لَّكُمۡ فَٱحۡذَرُوهُمۡۚ ١٤ ﴾

التغابن: ١٤

Тарҷума: «Эй муъминон! Қатъан, баъзе аз ҳамсарон ва фарзандонатон душманони шумо ҳастанд (ки шуморо аз роҳи Худо бозмедоранд ва дар ибодат ва тоат суст мегардонанд). Пас, аз эшон худро барҳазар доред» Тағобун; 14.

Ибни Касир мегӯяд: Худованди мутаъол хабар медиҳад, ки баъзе аз азвоҷ ва фарзандон душмани ҳамсарон ва падарон мебошанд, ин гуна ки ононро аз амали солеҳ, бозмедоранд .

Худованди мутаъол дар ояи дигар мефармояд:

﴿ إِنَّمَآ أَمۡوَٰلُكُمۡ وَأَوۡلَٰدُكُمۡ فِتۡنَةٞۚ وَٱللَّهُ عِندَهُۥٓ أَجۡرٌ عَظِيمٞ ١٥ ﴾ التغابن: ١٥

Тарҷума: «Ҳамоно, амволи шумо ва авлоди шумо фитна ва имтиҳонанд ва бидонед, ки назди Худованд аҷри азиме вуҷуд дорад». Тағобун; 14.

Ва дар ояи дигар мефармояд:

﴿ يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ لَا تُلۡهِكُمۡ أَمۡوَٰلُكُمۡ وَلَآ أَوۡلَٰدُكُمۡ عَن ذِكۡرِ ٱللَّهِۚ وَمَن يَفۡعَلۡ ذَٰلِكَ فَأُوْلَٰٓئِكَ هُمُ ٱلۡخَٰسِرُونَ ٩ ﴾ المنافقون: ٩

Тарҷума: «Эй муъминон! Мабодо, амвол ва фарзандонатон шуморо аз ёди Худо ғофил созанд. Касоне ки чунин кунанд (ва амвол ва авлодашон ононро саргарм ва ба худ машғул дорад) эшон зиёнкоранд». Мунофиқун; 9.

Достони писаре ки Хизр алайҳи-с-салом ӯро ба қатл расонд ва дар сураи Каҳф зикр шуда аст, фаромӯш накунем. Худованди Мутаъол дар ин маврид мефармояд:

﴿ وَأَمَّا ٱلۡغُلَٰمُ فَكَانَ أَبَوَاهُ مُؤۡمِنَيۡنِ فَخَشِينَآ أَن يُرۡهِقَهُمَا طُغۡيَٰنٗا وَكُفۡرٗا ٨٠ فَأَرَدۡنَآ أَن يُبۡدِلَهُمَا رَبُّهُمَا خَيۡرٗا مِّنۡهُ زَكَوٰةٗ وَأَقۡرَبَ رُحۡمٗا ٨١ ﴾ الكهف: ٨٠ - ٨١

Тарҷума: «Ва аммо он кӯдак (ки ӯро куштам) падар ва модараш бо имон буданд (ва агар ӯ зинда мемонд,) метарсидем, ки саркашӣ ва куфрро бад-онон таҳмил кунад (ва ишонро аз роҳ бибарад). Мо

хостем, ки Парвардигорашон ба ҷои ӯ фарзанди поктар ва пурмуҳаббаттаре ба онон ато фармояд». Каҳф; 80-81.

Ибни Касир мегӯяд: Яъне ҳамин муҳаббати фарзанд аст, ки гоҳе падар ва модарро водор ба куфр мекунад .

Қатода мегӯяд: Ҳангоме ки ин фарзанд ба дунё омад, падару модараш хушҳол шуданд. Вақте кушта шуд, бар ӯ ғамгин шуданд ва агар ин бача зинда мемонд, сабаби ҳалокати онон мешуд .

Ибни Аббос ба ривоят аз Убай ибни Каъб мегӯяд: Расули Худо (саллалоҳу алайҳи ва саллам) фармуд:

«الْغُلَامُ الَّذِي قَتَلَهُ الْخَضِرُ طُبِعَ يَوْمَ طُبِعَ كَافِرًا» (مسلم ٤٣٨٦، أبوداود ٤٩٠٥، الترمذي ٣١٥٠)

Тарҷума: «Писаре ки Хизр ӯро кушт, дар сарнавишти ӯ куфр рақам зада шуда буд, ки кофири ҷибиллӣ ва фитрӣ буда аст». Ривояти Саҳеҳи Муслим; 4386, Абудовуд; 4905 ва Тирмизӣ; 3150.

Оёт ва аҳодиси мазкур, далел бар ин аст, ки мол ва авлод барои инсон имтиҳон ва озмоиш аз ҷониби Аллоҳи зулҷалол мебошанд, то инсони мутеъ аз осӣ ва гунаҳгор шинохта шавад.

Рӯзе Расули акрам {саллаллоҳу алайҳи ва саллам} хутба мехонд, ногаҳон чашми муборакӣ ӯ ба Ҳасан ва Ҳусейн уфтод, ки ба сӯи он ҳазрат {саллаллоҳу алайҳи ва саллам} меомаданд. Онон пироҳанҳои сурхранге ба тан доштанд, ки гоҳе мелағзиданд ва меуфтоданд ва боз баланд мешуданд. Вақте он ҳазрат ононро дар он ҳол дид, аз минбар поён омад ва ҳар дуро бардошт ва назди худаш ҷилави минбар нишонд, сипас фармуд:

«صَدَقَ اللهُ: إِنَّمَا أَمْوَالُكُمْ وَأَوْلَادُكُمْ فِتْنَةٌ، فَنَظَرْتُ إِلَى هَذَيْنِ الصَّبِيَّيْنِ يَمْشِيَانِ وَيَعْثُرَانِ فَلَمْ أَصْبِرْ حَتَّى قَطَعْتُ حَدِيثِي وَرَفَعْتُهُمَا».

Тарҷума: Худованд рост гуфта аст, ки:

«إِنَّمَا أَمْوَالُكُمْ وَأَوْلَادُكُمْ فِتْنَةٌ»

Ҳамоно амвол ва авлоди шумо имтиҳон ва озмоиш ҳастанд.

Ба ин ду бача нигоҳ кардам, ки роҳ мерафтанд ва мелағзиданд ва меуфтоданд, тоқат наёвардам, то ин ки суханамро қатъ кардам ва онҳоро баланд карда ва овардам.Ривояти Тирмизӣ; 3707, Насоӣ; 1396, Абудовуд; 935 ва Ибни Моҷа; 3590. Ва Албонӣ онро саҳеҳ дониста аст.

Вақте фарзандон барои падар ва модар имтиҳон ва озмоише ҳастанд, пас бар падар ва модар лозим аст, ки аз Худованди мутаъол муваффақият ва сарбаландӣ аз ин имтиҳонро талаб намоянд.

Муваффақият ва сарбаландӣ аз ин имтиҳон, замоне имконпазир аст, ки падару модар дастуроти Аллоҳ ва ҳуқуқи фарзандонро риоят кунанд ва аз ҳудуду қавонини Аллоҳ азза ва ҷалла таҷовуз накарда ва муҳаббати фарзандон сабаби ғафлат аз ёди Худо нагардад.

Аз Худованди азза ва ҷалла мехоҳем, ки ба мо ҳидоят иноят намуда ва аз шарри нафси аммора раҳоӣ бахшад, чаро ки бе тардид ҳидоятдиҳандаи роҳи ҳақ ва сироти мустақим ӯст.